Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 129 (4712) | ДУШАНБЕ, 30 ОКТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





**27-уми октябри соли 2023 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар кори маҷлис, нахуст, лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026» баррасӣ гардид.

Лоиҳаи пешниҳодшудаи буҷети давлатӣ барои соли оянда бо мақсади амалӣ намудани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар самти таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ, коҳиш додани таъсири омилҳои манфии берунӣ ба он, тараққиёти соҳаҳои воқеӣ ва инфрасохторӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи мутавозини сиёсати макроиқтисодӣ, буҷету андоз ва пулию қарзӣ муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдори мамлакат оид ба иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар барои давраи миёнамуҳлат, нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои соли 2024 ва дурнамои он барои солҳои 2025 - 2026 супориш доданд, ки як қатор тадбирҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Аз ҷумла, иҷрои барномаю нақшаҳои қабулнамудаи Ҳукумати мамлакат сари вақт, пурра ва сифатнок таъмин карда шаванд, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва татбиқи вазифаҳои муҳими давлатӣ иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 - 2026 таъмин гардад ва истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои дар буҷети давлатӣ пешбинигардида таъмин карда шавад.

Аз рӯи масъалаи якум ва «Дар бораи лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» ҳисоботи вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода шунида шуд.

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат баъди муҳокима лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026» ва «Дар бораи лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» маъқул дониста шуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Сипас, дар кори маҷлис як қатор лоиҳаҳои қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи «Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» ва «Дар бораи «Барномаи давлатии рушди санъати шашмақом, фалак ва мактаби суннатии «устод-шогирд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028», баррасӣ шуданд.

Дар охири кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сатҳи зарурӣ гузаронидани маъракаи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, иҷрои нақшаи кишти тирамоҳӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, захираи кофии маҳсулоти озуқаворӣ, сӯзишворӣ, вусъати корҳои ободонию созандагӣ барои истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати кишвар, роҳбарияти вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супоришҳои мушаххас доданд.

**www.prezident.tj**

## НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ

**28-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Муҳтарам Қосим - Жомарт Кемелевич!**

Хабари фоҷиабори ба ҳалокат расидани одамон бар асари садама дар кони ангишти вилояти Қарағандаи Қазоқистон боиси андуҳи амиқи инҷониб гардид. Мо ғамшарики ин талафоти ҷуброннопазир ҳастем.

Аз номи мардуми Тоҷикистон ва шахсан аз номи худам ба Шумо, мардуми бародари Қазоқистон ва пайвандону наздикони фавтидагон, таъзия ва ҳамдардии самимии инҷониб, инчунин, таманниёти ҳар чӣ зудтар шифо ёфтани осебдидагонро изҳор менамоям».

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**29-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим - Жомарт Токаев суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба садама дар кони ангишт дар вилояти Қарағанда, ки боиси талафоти ҷонӣ гардид, ба Президент ва мардуми бародари Қазоқистон ҳамдардию таъзияи амиқ баён карданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тасаллияту ғамшарикии хешро ба пайвандону наздикони фавтидагон, ҳамчунин, таманниёти шифои комилро ба ҳамаи осебдидагон иброз намуданд. Изҳори умед карда шуд, ки оқибатҳои садама ҳар чӣ зудтар бартараф карда хоҳанд шуд.

Дар ҷараёни суҳбат сарони ҳар ду давлат алоқамандии ҷонибҳоро ба идомаи ҳамоҳангии зичи талошҳои ҷонибҳо дар сатҳҳои дуҷониба ва бисёрҷониба таъкид карданд.

## НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ

**29-уми октябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Сенати Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



«Ҳамдардии амиқи моро бинобар ба ҳалокат расидани одамон дар натиҷаи садама дар кони ангишти вилояти Қарағанда қабул намоед.

Ба наздикон ва пайвандони ҳалокшудагон сабри ҷамил ва ба маҷруҳшудагон шифои оҷил хоҳонам».

**www.majmilli.tj**

## ИТТИЛОИЯ

### Дар бораи Иҷлосияи понздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

**Иҷлосияи понздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 3-юми ноябри соли 2023, соати $10^{00}$ дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.**

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми ноябри соли 2023 аз соати $09^{00}$ то соати $17^{00}$ ва 3-юми ноябри соли 2023 аз соати $8^{00}$ то $09^{30}$ дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо:**
221-98-35, 221-12-47.

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Намояндаи доимӣ ва ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мақомоти расмӣ ва мақомоти дигари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъин намудани Сафарзода Б.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус Сафарзода Бахтовар Амиралӣ, ҳамзамон Намояндаи доимӣ ва ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мақомоти расмӣ ва мақомоти дигари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 октябри соли 2023, № 642**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30 - юми октябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Ташкили таваққуфгоҳҳои музднок, нуқтаҳои баркдиҳанда ва низоми автоматикунонидашудаи бақайдгирии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода, оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода ва оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Ҳамчунин, масъалаҳо «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи намояндагони Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларус», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси Миллии Венгрия», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ал-Маҷлис-ул-Иттиҳод-ул-Ватани Аморати Муттаҳидаи Арабӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фолкетинги (Парламенти) Шоҳигарии Дания», «Оид ба ворид намудани илова ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъсиси Комиссияи байнипалатагии парламентӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи намояндагони Зеландияи Нав», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Корея», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парламенти (Сейми) Ҷумҳурии Литва», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба ҳайати Гурӯҳи миллии Иттиҳоди Байнипарламентӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Риксдаги (Парламенти) Шоҳигарии Шветсия», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба ҳайати Гурӯҳи миллии Ассамблеяи парламентҳои Осиё», «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» дар 9 моҳи соли 2023» ва «Дар бораи таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба такмил додани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти риэлторӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба онҳо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

Қонун ва иҷрои он

## АЗ ҶАРИМА ТО БЕЭЪТИБОР ДОНИСТАНИ ҚАРОРИ РАИСОНИ ШАҲРУ НАВОҲӢ

### Чунин аст пайомади 10679 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин, ки дар нуҳ моҳи соли равон ошкор шудааст

**Дар мамлакати мо қонунгузории замин муносибатҳоро вобаста ба истифода ва ҳифзи замин, инчунин, муносибатҳои молумулкиро дар соҳаи заминистифодабарӣ, ки вобаста ба ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ба миён меоянд, ба танзим медарорад. Муҳимтар аз ҳама, дар моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки: «замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад».**

Тибқи муқаррароти моддаи 22-юми Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, қитъаҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дода мешаванд. Тартиби додани қитъаҳои заминро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Дар робита ба ин бамаврид аст мафҳуми қитъаи заминро мухтасар шарҳ диҳем. Дар қонунгузории ҷорӣ он «қисми замин бо ҳуқуқҳои муайян нисбат ба он, ки гурӯҳи муайян ва намуди иҷозатдодашудаи истифодабарӣ, сарҳади муайяншуда, майдон ва ҷойгиршавӣ дорад», тафсир шудааст. Заминистифодабаранда бошад, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки қитъаи замин ба ӯ бо ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифода ё бе ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ дода шудааст, ба ҳисоб меравад.



(Давомаш дар саҳ. 2)

# АЗ ҶАРИМА ТО БЕЭЪТИБОР ДОНИСТАНИ ҚАРОРИ РАИСОНИ ШАҲРУ НАВОҲӢ

**Чунин аст пайомади 10679 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин, ки дар нуҳ моҳи соли равон ошкор шудааст**

(Идома аз саҳ. 1)

Шояд аксарият дар бораи муқаррароти моддаи дуюми Кодекси замин - «даъвои заминҳои авлодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор надорад» маълумот надоранд. Маҳз ин ноогоҳӣ баъзан дар маҳалҳои кишвар боиси нофаҳмӣ мешавад.

Тибқи талаботи моддаи шашуми кодекси зикршуда, корҳои заминсозӣ, кадастри давлатӣ ва мониторинги замин, назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин, пешниҳод намудани талабот оид ба бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоргаштаи қонунгузории замин, дар доираи қонунгузории амалкунанда такмил додани усулҳои идоракунии захираҳои замин, таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими давлатии муносибатҳои вобаста ба замин ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин мебошад.

Бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва дигар ҳуқуқҳои ба он алоқаманд, ба заминистифодабарандагон додани ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро тасдиқ мекунад, боздоштани сохтмон, истихроҷи канданиҳои фоиданок, иктишофи геологӣ, ҷустуҷӯӣ, геодезӣ ва манъ кардани фаъолияти заминистифодабарандагоне, ки амалҳояшон хилофи қонунгузории замин мебошад, манзур намудани пешниҳод оид ба бекор намудани санадҳое, ки хилофи қонунгузории замин мебошанд, боздоштани иҷрои қарорҳо оид ба ҷудо намудани қитъаҳои замин, ки мухолифи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ваколати мақоми мавриди назар аст.

Бино ба гуфти раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ Ориф Хоҷазода, дар нуҳ моҳи соли 2023-юм 10679 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор гардида, барои бартараф намудани онҳо 9494 дастур дода шудааст. Илова бар ин, нисбат ба 9265 ҳолат парвандаи маъмурӣ тартиб дода шуда, гунаҳкорон 5138326 сомонӣ ҷарима шуданд.

Ориф Хоҷазода аз сатҳу сифати ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор қаноатманд буда, иттилоъ дод, ки дар ин давра барои додани баҳои ҳуқуқӣ 724 мавод ба прокуратура, 483 мавод барои ба таври маҷбурӣ ситонидани ҷаримаҳо ба Хадамоти иҷро ирсол ва 7519 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин дар маҳал бетаъхир бартараф гардид.

Омори таваҷҷуҳбарангезро раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ вобаста ба натиҷаҳои санҷиши риояи талаботи қонунгузории замин, ки ин муддат дар ноҳияҳои Панҷ ва Ёвон гузаронида шуд, ироа намуд. Маълум гардид, ки дар ноҳияи Панҷ 82 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор гардида, барои бартараф намуданашон 13 дастур ироа гардидааст. Нисбат ба 71 ҳолат парвандаҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, ашхоси муҷрим ба маблағи 54808 сомонӣ ҷарима гардида, маблағ пурра ба суратҳисоби махсуси кумита ворид карда шуд.

- Дар робита ба ду ҳолати худсарона ишғол намудани қитъаи замин дар ноҳияи Панҷ барои додани баҳои ҳуқуқӣ ба Прокуратураи ноҳияи Панҷ мактуб равон кардем. Ба ғайр аз ин, барои мутобиқ намудани қарори раиси ноҳияи Панҷ, ки хилофи қонунгузории замин қабул гардидааст, пешниҳоди дахлдор ирсол намудем, - афзуд ҳамсуҳбатам.

Дар идомаи суҳбат номбурда зикр кард, ки дар ноҳияи Ёвон 175 ҳолати нақзи қонунгузории замин ошкор гардида, барои бартараф намудани онҳо 4 дастур дода шуд. Нисбат ба 171 ҳолат парвандаҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, дар ин замина 141 ҳазору 780 сомонӣ ҷарима ба суратҳисоби махсуси кумита ворид гардид. Инчунин, ду қарори ғайриқонунӣ қабулнамудаи раиси ноҳияи Ёвон вобаста ба замин ошкор ва барои беэътибор донистану ба қонунҳои амалкунанда мутобиқ намуданашон пешниҳоди дахлдор ирсол шуд.

Ба риштаи таҳлил кашидани масоили ба замин рабтдошта бидуни тавзеҳи мухтасари моҳияти Фонди ягонаи давлатии замин мантиқан нодуруст аст. Фонди зикршуда мутаносибан аз заминҳои таъиноти кишоварзӣ, маҳалҳои аҳолинишин, қитъаҳои замини марбут ба соҳаҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа, заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ, фонди давлатии ҷангал ва захираи давлатӣ иборат аст. Бояд мадди назар дошт, ки гурӯҳҳои замин дар кадастри давлатии замин, китоби бақайдгирии замин, қарорҳои ҳокимияти иҷроия дар бораи додани замин, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин нишон дода мешаванд.

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, пешниҳод намудани таклиф ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар бораи ҷудо намудани қитъаҳои замин, вобастакунии қитъаҳои замин ва назорати истифодаю ҳифзи замин салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба ҳисоб меравад.

Салоҳияти Ҷамоат дар соҳаи танзими муносибатҳои вобаста ба замин дар қаламрави маҳалҳои аҳолинишини деҳот нисбатан густрурда буда, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо пешниҳод намудани таклиф доир ба ҷудо намудани қитъаи замин, муқаррар ва тасдиқ намудани масоҳати замини наздиҳавлигӣ дар доираи меъёрҳои мавҷуда, тартиб додани китобҳои хоҷагидорӣ, бурдани рӯйхати заминистифодабарандагон ва шартномаҳои иҷора, инчунин ба танзим даровардани замини наздиҳавлигию хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

Мутаассифона, баъзе шаҳрвандон дар бобати салоҳияти мақомоти зидахл, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия ва Ҷамоати шаҳраку деҳот, маълумоти кофӣ надоранд. Маҳз, ин омил боис мегардад, ки ашхоси ба замин эҳтиёҷдошта ба доми фиреби қаллобон афтанд. Далелу рақамҳои матлаб шаҳодати ин гуфтаанд.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**



**Ин бонуро, ки дар пояи аввали норбони ҳавопаймо истода, аз дигарҳо пештар Президентро ба оғӯш гирифта, модарвор бӯсид ва дар гарданаш гулбанд овехт, борҳо дидаам, аммо ҳеҷ вақт ба ин ҳад шоду хандон ва тароватнок нанамуда. Вай он рӯз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба муносибати бо Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имзошуда бозгаштанаш табрик мекард. Он рӯз - 28-уми июни соли 1997, майдони ҳавоӣ аз пешвозгирандагони шоду масрур пур буд. Ман дар симои зани гулбандбурда чеҳраи Энаҷон Бойматоваи конибодомиро медидам, ки ду-се сол пеш ҳамроҳи аъзои бригадааш-занҳои меҳнатдӯст дар пахтазор ба Эмомалӣ Раҳмон мегуфт: «Шумо, бачам, ба гуруснагии мо аҳамият надода, ғам нахӯрда, дар Тоҷикистон сулҳро барқарор кунед, халқу мамлакат орому осуда шавад, мо боз ҳамаамон серу пӯшида мешавем». Ман дар симои он зани гулдеҳ занони соли 1993 аз Афғонистон баргаштаи деҳаи Тоҷикободи ноҳияи Шаҳритусро медидам, ки дар хоктӯдаҳои хонаҳои харобшудаашон бо Эмомалӣ Раҳмон суҳбати гарм доштанд. Чанд қадам онтарафтар бачаҳои бемактабмонда, дар ҳавои кушод дарс мехонданд. Дар симои ин зани гулрез он зани рӯшониро медидам, ки байни Президент ва «боевикҳо» бо рӯймоли сари чун сипар кушода чун ҳомӣ меистод - модар - парастор буд.**

# ДАР СУҲБАТИ МОДАРИ САДСОЛАИ МО

Ин зани гуловарда бароям тимсоли ҳамаи занҳои азизи Тоҷикистон буд ва дар ҳақиқат ҳам ба ин мартаба меарзид. Вай арбоби барҷастаи давлатӣ ва инсони машҳур ва маҳбуби Тоҷикистон Низорамоҳ Зарифова буд, ки 4-уми ноябри соли 2023 ба зодрӯзашон 100 сол пур мешавад. Гумон мекунам, дар замони хизматашон ба халқу миллату Ватан ин қадар ғамхорию ёрию роҳнамоӣ кардаанд, ки дуои неки мардум мустаҷоб шуда, ба синни муборақи садсолагӣ расидаанд.

Ман бо арбоби давлатӣ - Низорамоҳ Зарифова бисёр суҳбатҳо кардаам ва сабти иддае аз онҳоро дорам. Як нақлашон чунин буд: «Дар вақти наврасӣ ва ҷавонӣ дар колхоз кор мекардем ва инчунин, таҳсил менамудем. Ҳамаи кори хонавода ба зиммаи модарам ва мо духтарони хона буд, зеро мо аз падар ятим мондем. Падарам дар панҷсолагии ман аз дунё гузаштанд ва мо ҳамроҳи модару се хоҳарам рӯзгорро пеш мебурдем. Дар оила ҳамагӣ зан будем, як ако доштам, ки дар сенздаҳсолагияшон вафот кардаанд. Рӯзи мо бо меҳнати хонадорию ҷамъиятӣ - пахтакорию пахтачинӣ, алафдаравию кори хоҷагидорӣ мегузашт. Боз дар он рӯзҳо боқимондаҳои босмачиҳо ба сарамон ваҳму душвориҳо меоварданд - киштаамонро хароб мекарданд, ғаллаҳоямонро оташ мезаданд, чанд одами бегуноҳро барои тарсондани чашми мардум куштанд. Дар ҳамин гуна муҳит ба воя мерасидем, чашмамон ба ихтилофоти зиндагӣ кушода мешуд, ҳамин тавр, мо неку бади ҳаётро мефаҳмидагӣ шудем». Дар чунин муҳиту шароити вазнин аксарияти ҳамзамонони Низорамоҳ – дар домони Тоҷикистони навдавлат ба камол расиданд, тарбия ёфтанд ва ба ҳамдигар, ба Ватан, ба халқ дил бастанд, он рӯзи сахтро ба фардои орому осуда оварда, ба ин мартабаҳо расиданд.

Низорамоҳ Зарифова аз синни мактабӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ пайваст. Ӯ дар варзишгарӣ, аз ҷумла велосипедсаворӣ, на танҳо байни духтарон, балки байни ҳамаи ҳаммактабонаш шуҳрат ёфт. Ин буд, ки соли 1937 дар Олимпиадаи умумииттифоқӣ аз Майдони сурх велосипедсавор гузашт ва рӯзи дигар чун ҷузъи намояндагони Тоҷикистон дар мулоқот бо Сталин иштирок кард.

Ёди дигар дар хотироти Низорамоҳ аз он даврон чунин аст: «Дар деҳот зарурати кадрҳо пеш омаду ҳукумати ноҳия хост, ки чанд нафар аз духтарони деҳотро барои таҳсил ба Душанбе (он замон Сталинобод) фиристонад. Он вақтҳо модарам барои таҳсили ман бисёр ҳавасманд буданд. Соли 1937 шабе тахминан соатҳои 23 моро ба як мошини боркаш савор карда, барои таҳсил ба шаҳри Душанбе ба Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ оварданд. Моро дар хобгоҳи он омӯзишгоҳ ҷой намуданд. Дар хобгоҳ 32 нафар духтарон зиндагӣ мекардем ва дар байни мо намояндагони якчанд миллат буданд. Аввалҳо забони якдигарамонро намедонистем. Дар хобгоҳ ва мактаби мо дар баробари дарс мулоқотҳо ва идҳои гуногун баргузор мешуданд.

Рӯзе устод Абулқосим Лоҳутӣ ба мактаби мо омаданд. Ҳама аз дидори он кас хурсанд гашта, суҳбаташонро бо дилу ҷон гӯш кардему саволборонашон намудем. Шодии мо аз ин мулоқот ҳадду канор надошт. Дар ин вохӯрӣ устод Абулқосим Лоҳутӣ якчанд шеърҳояшонро барои мо қироат намуданд. Мо ҳам аз шеърҳои устод порчаҳо қироат кардем. Ин вохӯрӣ ба ман барои расидан ба қуллаҳои минбаъдаи омӯзишу таҳсил неруи тозае бахшид».

Устод Лоҳутӣ фурсатдон, минбароро ва мубаллиғ буданд ва бегумон аз порчаҳои шеърҳои зерин, ки рӯҳи замон ва рӯҳи маҳфилро ифода мекунанд, он ҷо хонда шудаанд:

**Тоҷикистон шуд мунаввар, то ту гаштӣ бениқоб**
**Оламе равшан шавад, чун маҳ бароят аз саҳоб.**
**Офарин бар қуввае, к-аз парда озодат намуд,**
**Ҳайф буд, он ҳусни оламгир монад дар ҳиҷоб.**

Ё шеъре, ки «Барои савод» ном дорад:

**Ба даври шоҳу амирон ба ғайри басаи бой,**
**Ба умри хеш намедид кас лиқои савод.**
**Савод аслиҳаи дасти ҳукмдорон буд,**
**Намерасид ба деҳқон магар ҷафои савод.**

Аз хотираҳои замони таҳсилаш дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Сталинобод дар як маҳфил соли 2022 Низорамоҳ чунин ёдоварӣ кард:

- Директори омӯзишгоҳ Баҳрӣ Тоҳирова яке аз аввалин занҳое, буд, ки ба ҳайати роҳбарии Тоҷикистони навтаъсис ворид гардид. Ӯ соли 1924 дар Ҳукумати Ҷумҳурии автономии Тоҷикистон дохил буд ва вазифаи асосиаш таблиғ дар байни тоҷикони водии Фарғона ба шумор мерафт. Баъдтар вай ба пойтахти Тоҷикистон омад, роҳбари омӯзишгоҳ, мудири идораи таблиғу ташвиқи шаҳри Сталинобод, муовини вазири маорифи Тоҷикистон шуд. Бо хоҳараш Ҳамро Тоҳирова борҳо депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб гардидаанд. Ҳамро аввалин архитектори касбии тоҷик, иштирокчии Анҷумани якуми архитектирони шӯравӣ ва сардори сохтмони бинои Театри давлатии опера ва балет (ҳоло Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ) буд.

Дар он суҳбат Низорамоҳ Зарифова таъкид намуд, ки корнамоии миллатпарастона, махсусан, Баҳрӣ Тоҳирова чун корномаи Абдулқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов ҳанӯз омӯхта нашудааст.

Пайроҳаи зиндагӣ, иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ, махсусан, хотираи қавии Низорамоҳ ба он кас имконият додааст, ки таърихи зинда ва бойгонии равон бошанд, ҳама чизро бо ному замонаш дақиқ ба хотир оранд. Ба саволи он ки он «солҳо бонувони тоҷик бисёр таҳсил ва кор мекарданд ё кам буданд», чунин посух гуфт: «Буданд, вале хеле кам. Мисол дар Ҳизби коммунисти вилоятӣ мо ду нафар зан фаъолият мекардем. Дар бахши ҷавонони Ҳизби коммунист бошад, шаш нафар духтари рус ва ман, яъне як духтари тоҷик кор мекард. Ҳамон замон намедонам аз чӣ сабабе маро аз байни онҳо интихоб намуда, барои таҳсили тайёрии кадрии яксола ба шаҳри Москва пешниҳод намуданд. Аввал розӣ набудам, вале маҷбурӣ фиристоданд. Ҳамин тавр, дар Москва дар Мактаби олии партиявии Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсил намуда, ба Тоҷикистон баргаштам».

Аз ҳамин давра сар карда, Низорамоҳ дар вилоят не, дар пойтахт кор мекард. Вай дар Ҳукумати Тоҷикистон, дар Кумитаи марказии комсомоли Тоҷикистон фаъолият дошт. Ана аз ҳамин ҷо ӯро баъдтар - баъди як соли фаъолият боз барои таҳсил дар мактаби партиявии Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ба шаҳри Москва фиристоданд ва ин дафъа дар Мактаби олии ҳизбӣ дувумин зани тоҷике маҳсуб мешуд, ки таҳсил мекард. Баъди хатми ин мактаб фаъолияти пурсамари давлатӣ ва ҷамъиятии Низорамоҳ оғоз гардид. Ӯро Турсун Ӯлҷабоев, ки пештар роҳбари комсомоли Тоҷикистон буд, аз замони комсомолиаш мешинохту ба меҳнатдӯстиаш қоил буд, ба вазифаҳо пешниҳод намуд. Бинобар ин, замоне ки Ӯлҷабоев роҳбари Ҳизби коммунисти Тоҷикистон шуд, Низорамоҳро котиби КМ ҲК Тоҷикистон оид ба корҳои идеологӣ интихоб намуданд. Аслан, Низорамоҳ Зарифова аввалин зани тоҷик аст, ки ба ин мақоми олии ҳизбӣ ва давлатии Тоҷикистон лоиқ дониста шудааст. Баъдтар, ӯ котиби Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон таъин гардид.

Замони фаъолияти Н. Зарифова давраи инкишофи воқеии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон мебошад. Ин солҳо НБО «Қайроққум» ва НБО «Норак», Заводи алюминийи тоҷик дар шаҳри Турсунзода ва Корхонаи яхдони Душанбе сохта шуданд ва танҳо дар Комбинати бофандагии Душанбе, фабрикаҳои шоҳибофӣ ва ҷӯроби пойтахт ҳазорҳо занон кор мекарданд. Дар комплекси саноатии Тоҷикистони ҷанубӣ, ки муассисаҳои калони саноатиро дар бар мегирифтанд, дар обёрии заминҳои навкорами Шаҳритус, Данғара, Ашт, Мастчоҳ, Ёвон ҳазорҳо занону духтарон заҳмат мекашиданд. Духтарони тоҷик дар донишкадаҳои олии кишвар таҳсил мекарданд. Дар ташкилу татбиқи ин ҳама Низорамоҳ бевосита иштирок дошт.

Як воқеаро ба ёд оварданиам. Аввалҳои солҳои навадуми асри XX, дар оғози ислоҳоти давлатдорӣ як идда қумондонҳо низ ба сари кор омада буданд, ки аслан ҳеҷ малакаи давлатдорӣ надоштанд. Замоне фаро расид, ки иддае аз онҳоро иваз кардан лозим омад, аммо баъзеҳо барои тарки вазифа сар фуруд намеоварданд. Масалан, як раиси ноҳияро аз кор гирифтанд, аммо давоми як ҳафта вай идораро холӣ намекард. Раиси нав ноилоҷ буд, Президент як гурӯҳро бо роҳбарии Низорамоҳ Зарифова ба он ҷо фиристод. Зарифова бо суханҳои орому пурмаъно мақсадро ба хушӣ ҳосил карданд. Чунин мисолҳо аз ҳаёти ӯ кам нестанд. Боре аз ин арбоби давлатӣ, ки як аср умр дида, як системаи иҷтимоиро аз сар гузаронидааст, дар хусуси бонувони тоҷик суол кардам ва дар посух инҳоро шунидам:

«Имрӯз зани тоҷик олим, роҳбар, пизишк, яъне қариб дар ҳама соҳаҳои ҷамъиятӣ нақши хоса дорад. Ин чиз ҳусни зиндагӣ, маънои ҳаётро зиёд мекунад. Устод Турсунзода ҳақиқатро гуфта будааст:

**Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,**
**Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд».**

Н. Зарифова дар ин мавзӯи муҳим хеле дарднок мулоҳиза ронда иброз менамояд:

«Модар барои фарзандони худ, пеш аз ҳама, бояд намунаи ибрат бошад. Модарон бояд тарбияи фарзандро дар хона дуруст ба роҳ монанд. Дар хона, агар фарзанд писар бошад, корҳои писаронаро ва агар духтар бошад, корҳои духтаронаро омӯзонанд. Ин яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи модарони мо ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин имрӯз аз модарон бисёр илтимос дорам, ки ба тарбияи фарзандон дар меҳнатомӯзию таҳсил аҳамияти ҷиддӣ диҳанд».

Иддае аз модарони ҷомеаи имрӯзаи мо дар тарбия беаҳамиятанд, камбудиҳои бисёр доранд. Бинобар ин, фарзандони онҳо низ бадахлоқ, бесавод ва ношоиста тарбия меёбанд. Баъзе духтарон дар ҷомеаи мо аз ҳад зиёд аврупопараст гардидаанд, ки ин дар тарбияи мо хатар дорад. Гурӯҳи дигари бонувон ба фаҳми худашон либоси мусулмонӣ мепӯшанд. Он тарзи либосдӯзӣ ва либоспӯшӣ ба одати мусалмонии мо, ки бештар аз 1000 сол таърих дорад, ҳеҷ мувофиқ намеояд.

Боре дар суҳбат Низорамоҳ Зарифова дар мавриди шарму ҳаё суханони ҷолибе гуфтанд: «Шарм зебост ва дар духтарони тоҷик зеботар, яъне асоси маънавиёти занҳои тоҷикро бояд шарм ташкил диҳад. Шарм ҳамеша ва дар ҳама давру замон ба занон ҳусн зам мекунад, на фақат ба занҳои тоҷик, балки ба тамоми занҳои дунё. Интихоби либос баёнгари рӯҳу одоби зан аст. Масалан, куртаи атлас низ ба модарон ва духтарони мо бисёр зебанда мебошад, вале имрӯз иддае аз модарон ва духтарони мо ба либосҳои бегона таваҷҷуҳ мекунанд. Дуруст аст, ки замона дигар шуду либос низ бояд дигар шавад, лекин то ба он андозае не, ки ӯро ба ҳадди бешармӣ расонад!».

Ҳамин хел фикр мекунанд, ҳамин хел суханҳои пандомез мегӯянд, модари садсолаи мо - Низорамоҳ.

Умратон бехазон бод, апаи Низорамоҳ!

**Иброҳим УСМОН,**
**публисист**

**Бисту сеюми октябри соли 2023 дар меҳмонхонаи «Ҳаят-реҷенси» бо ташаббуси Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дастгирии Вазорати адлияи ҷумҳурӣ Форуми дуюми пенитенсиарӣ зери унвони «Рушди низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар он намояндагони Прокуратураи генералӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони вазирони маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ, сафирони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ,Ҷумҳурии Федеративии Германия, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, роҳбари Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, роҳбари доимии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон, ҳамкорон дар соҳаи ислоҳоти мақомоти ҷазои ҷиноятӣ ширкат варзиданд.**

# ФАРОГИРИИ МАҲКУМШУДАГОН БА ОМӮЗИШУ МЕҲНАТ




Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён зимни ифтитоҳи форум иброз намуд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагонро эҳтиром ва ҳифз карда, шароити муқарраршударо барои адои ҷазо, кафолати адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Роҳбарияти давлат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз он ҷумла мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва мутобиқи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолияти онҳо диққати махсус зоҳир менамояд. Бо мақсади ба талаботи замони муосир ва стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гаштани фаъолияти низоми мазкур қонунгузории кишвар ба таври мунтазам ба меъёрҳои санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ гардонда мешавад.

Сипас, муовини вазир - сардори Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенант Мансурҷон Умаров зикр намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2002 дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» оид ба ҷорӣ намудани ислоҳот дар мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дастур дода буданд.

Вобаста ба ин, аз 31-уми декабри соли 2002 мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо тамоми сохтораш аз ихтиёри Вазорати корҳои дохилӣ пурра ба тобеияти Вазорати адлияи мамлакат гузашт. Мақсад аз ин тағйироти сохторӣ, яъне аз тобеияти мақомоти қудратӣ баровардан ва ба ихтиёри сохтори шаҳрвандӣ гузаронидани мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ боз ҳам башардӯстона намудани раванди иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бештар намудани кафолати риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон, беҳтар сохтани шароити нигоҳ доштани шахсоне, ки дар тавқифгоҳҳои тафтишотӣ боздошт мешаванд, тавзеҳ дода шуд.

Моҳи декабри соли 2003 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2004-2008» қабул гардид, ки дар он самтҳои асосии рушди минбаъдаи соҳа муайян шуда буданд. Бо дастгирии роҳбарияти олии мамлакат соли 2011 Раёсати корҳои ислоҳӣ ба Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ табдил дода шуд.

Зикр гардид, ки Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ, ташкилоти хориҷӣ ва намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ бо мароми муайян ҳамкории муфид ҷорӣ намуда, барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ чорабиниҳои якҷояро амалӣ менамояд. Аз ҷумла, Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид, ЮНИСЕФ, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (OSCE), Намояндагии Иттиҳоди Аврупо, Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (UNODS), Духтурони бидуни марз, Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ (TIKA) ва дигар созмонҳои байналмилалӣ шарикони доимӣ ба ҳисоб мераванд.

Мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар доираи ислоҳоти соҳа ба касбомӯзии маҳкумшудагон аҳамияти ҷиддӣ медиҳад ва ҳоло дар назди Муассисаи ислоҳии рақами 2 Литсейи касбӣ-техникӣ пурра фаъолият менамояд. Пешниҳоди мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои кушодани боз чор литсейи дигари касбӣ-техникӣ дар муассисаҳои ислоҳии шаҳри Ваҳдат, Хуҷанд ва ноҳияи Ёвон мавриди баррасии Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Ҳоло дар филиалҳои Литсейи касбӣ-техникии амалкунанда 1250 нафар маҳкумшудагон ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

- Дар муассисаҳои рақами 1 ва 4 бинои сехи дӯзандагӣ навсозӣ ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин ва барои 120 нафар ҷойи кор муҳайё шудааст. Дар тавқифгоҳи тафтишотии рақами 1 бинои ошхона ва нонпазхона ва мутобиқгардонӣ барои 100 нафар аз таъмир бароварда шуд.Бахри ташаккули тарзи ҳаёти солим ва бо мақсади таъсиррасонӣ ба раванди ислоҳи маҳкумшудагон бо ҷалби ҳунармандони театрҳои ҷумҳуриявӣ намоишҳои театрӣ барои маҳкумшудагон гузаронида мешаванд. Соли гузашта бори аввал дар байни маҳкумшудагон озмунҳои гуногун, аз ҷумла дар партави озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» озмунҳои «Китобхони беҳтарин» ва «Шеъру ғазалсарои беҳтарин» бо риояи қоидаҳои дохилии муассисаҳо гузаронида шуданд.

Мақомоти ислоҳи ҷазои ҷиноятӣ дар самти ҷалб намудани маҳбусон ба меҳнат таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд, зеро маҳкумшудагон дар ҷараёни иштирок дар истеҳсолот барои эҳтиёҷоти оилаҳояшон музди меҳнат мегиранд ва товони зарарро ҷуброн менамоянд. Инчунин, таҳлил нишон медиҳад, ки меҳнат дар истеҳсолот ба ҷараёни ислоҳшавии онҳо таъсири мусбат мерасонад, - гуфт Мансурҷон Умаров.

Агар дар шашмоҳаи якуми соли гузашта 587 нафар маҳкумшуда аз низоми муассисаи ислоҳӣ ба колонияҳои сукунатӣ гузаронида шуда бошанд, дар ҳамин давраи соли равон 1105 нафар маҳкумшуда ба колонияҳои сукунатӣ гузаронида шуданд, ки аз ин шумора беш аз 1000 нафар ба сохтмонҳои ҷумҳурӣ ва корҳои роҳсозӣ ҷалб гардидаанд. Маблағе, ки маҳкумшудагон кор мекунанд, барои ҷуброни молиявии зарардидагон ва пардохти қисме аз маош масраф мешавад.

Чанде пеш дар байни маҳкумшудагоне, ки бо ҷурми алоқамандӣ ба терроризм ва экстремизм маҳкум шудаанд, аз тарафи мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пурсиши беном (аноним) гузаронида шуд. Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки аксарияти онҳо (70 фоиз) аз ҳисоби ҷавонони аз 18 то 40 - сола буда, аз нисф зиёдашон (62 фоиз) соҳиби маълумоти миёнаи нопурра ва пурра мебошанд. 41 фоизи маҳкумшудагон ҳангоми дар хориҷи мамлакат дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан фирефтаи гурӯҳҳои тундрав гардидаанд. 70 фоизи пурсидашудагон иқрор шудаанд, ки бо сабаби паст будани дониши дунявӣ ва динӣ ба равияҳои террористӣ-экстремистӣ ҳамроҳ шуданд. Ҳамчунин, 67 фоиз эътироф намудаанд, ки дар натиҷаи ташвиқу тарғиби ғояҳои ифротӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ даст ба ҷиноят заданд. Натиҷаҳои ин пурсиш пурра ва мукаммал шуда, барои омӯзиш ба мақомоти дахлдор пешниҳод мешаванд.

Таъкид гардид, ки дар доираи ислоҳот ҳамаи китобхонаҳои муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз таъмир бароварда шуда, 5 000 нусха китобҳои тозанашр харида шуданд. Дар муассисаи ислоҳии 3/1 сохтмони 13 китобхона ба анҷом расида, бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин шудаанд. Дар ҳамаи сохторҳо хати радиоӣ гузаронида шуда, дар толорҳои фарҳангию тарбиявӣ ва саҳни муассисаҳо телевизорҳо насб ва мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Зикр гардид, ки солҳои охир байни маҳкумшудагони муассисаҳои ислоҳӣ, новобаста аз низомашон мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида мешаванд. Ғолибон бо тӯҳфаҳои қиматнок сарфароз гардонида шуда, ҳар иштирокчии мусобиқаҳо бо вохӯрии дарозмуддати ғайринавбатӣ (се шабонарӯз) ва 1 соат гуфтугӯи телефонӣ ҳавасманд мешаванд. Мувофиқи таҳлилҳо ин тадбирҳо самараи нек доданд, аз ҷумла, дар шаш моҳи аввали соли равон 92 нафар маҳкумшудагон пеш аз муҳлат аз иҷрои ҷазо озод гардиданд.

Дар поёни суханронӣ маърӯзачӣ ёдовар шуд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 қонун дар бораи авф ба имзо расида, талаботи онҳо нисбат ба бештар аз 110 ҳазор маҳкумшуда татбиқ гардидааст. Аз ҷумла, зиёда аз 40 ҳазор нафар маҳкумшудагон аз идомаи ҷазо озод шудаанд.

Дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Стратегияи ислоҳоти низоми ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» амалӣ мешавад. Аз ҷумла, дар доираи стратегия санаду ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти соҳаро танзим менамоянд, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуда, ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилоти хориҷӣ дар сатҳи баланд нигоҳ дошта мешаванд ва тадриҷан шароити будубоши маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мегардад.

Муовини директори Ташкилоти ҷамъиятии «Бюро оид ба ҳуқуқи инсон» Таҳмина Ҷӯраева иброз намуд, ки дар «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» бо мақсади ба меъёрҳои башардӯстӣ бештар мувофиқ гардонидани қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ андешидани як қатор тадбирҳо пешбинӣ гардидааст. Дар ин замина, масъалаҳои ташкили системаи самараноки иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ба ҳаёти иҷтимоӣ мутобиқшавии воқеии шахсони озодшуда аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ аҳамияти калон доранд.

Иштирокчиёни чорабинӣ оид ба дастгирии ҳуқуқҳои шахсии маҳкумшудагон, мутобиқати шахсони аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ баромада, барқарорсозӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғон дар давраи адои ҷазо ва баъди озод шудан аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, тақвият ва мустаҳкам намудани ҳамкорӣ, таъсиси хадамоти пробатсионӣ ва рушди ҷазои алтернативӣ ва дигар мавзӯъҳои соҳа ибрози андеша намуданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# «ЭҲЁИ МИЛЛАТ – БАҚОИ ДАВЛАТ» – РИСОЛАТ ВА МАВЗӮИ РӮЗ

## Андешаҳо дар бобати рисолаи профессор С. Ятимов

**Мақолаи профессор С. Ятимов таҳти унвони «Эҳёи миллат - бақои давлат» бо моҳияти фарогири идеологӣ ҳамоҳанги замон буда, дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ (бархӯрди мафкураҳо) хосияти мушаххаси роҳнамоӣ дорад. Ҳар сари чанд вақт таълифу ба нашр расонидани чунин матолиб, ки мавриди баҳсу таҳлилҳои аҳли зиё қарор мегиранд, гувоҳи таҳлил намуда тавонистани фазои маънавию сиёсии имрӯзу ояндаи ҷомеа аз ҷониби муаллиф мебошад. Рисола зина ба зина бо руҷӯъҳои ҳам алоқаманд аксар муаммоҳои мусоиру таърихии ҷомеасозӣ ва давлати миллиро дар бар гирифта, ифодагар ва идомаи мантиқии сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.**

Дар муқаддима бо шеваи фалсафӣ тавзеҳи мафҳуми «мавҷудоти соҳибшуур» (инсон) аз чанд дидгоҳ ҷараён пайдо карда, ҳадафи ҳастии инсон, бо назардошти амалу андешаҳояш шарҳи маҷмӯӣ меёбанд. Профессор С. Ятимов бо мантиқи амиқи илмӣ меҳвари мақсадро дармеёбад ва як сабку услуби хосаи муаллиф он аст, ки бо пешниҳоди матлаб мураккабаён нест. Муаллиф бо назарияи универсалӣ ва таҳлили қиёсии илмӣ хуб балад аст ва гуфтори шифоҳию китобии эшон (ин андеша дар заминаи танҳо ду мушоҳида аст) тақрибан дар як сатҳ қарор доранд. Аслан, дар заминаи таҷрибаҳо гуфтан мумкин аст, ки ин гуна муҳаққиқони истеъдоднок бо ҳофизаи устувор ва ҷаҳонбиниҳои васеъ дар ду ҷанба (шифоҳию китобӣ) яксон муваффақ мебошанд. Ба ин мазмун, барои дарки саҳли хонанда бо пафоси хос ҳамчун як донишманд талқин менамояд, ки «... таърихи инсоният, дар маҷмӯъ, таърихи сулҳ нест» ва ин андешаи пурҳикмат бо осори адибони классикии мо ҳамоҳангӣ дошта, ишора ба воқеияти ҳақиқати зиндагии инсон менамояд. Ҷиҳати дигар он аст, ки дар рисолаҳою мақолаҳои устод С. Ятимов андеша бо тавзеҳи андеша сурат мегирад, ки баъди он дар фаҳмиши ҳадаф монеае боқӣ намемонад. Масалан, «...таърихи сулҳ нест...» гуфтани муаллиф ба он иртибот дода мешавад, ки ин мавҷудоти соҳибшуур ҳамеша аз пайи манфиат («забони манфиат» - С.Я) роҳи зиндагиро ҷӯё мешавад.

Як хосияти назарраси рисола он аст, ки дар он ҷуръати илмӣ ва ҳукму хулосаҳо қатъӣ мешаванд. Ҳукму хулосаҳо асоснок сурат мегиранд ва ҳар як ҷузъиёт илман собитшуда мебошанд. Ин ҷиҳат дар қисмати «Давлат ва масъалаҳои ҷаҳонбинӣ» хеле равшан падидор аст. Давлат аз нигоҳи муаллиф аз се ҷанба - амният, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт таркиб ёфта, аз лиҳози фарогирӣ кулли шохаҳою ҷараёнҳои инкишофи ҳаётро дар ботини худ нигоҳ доштаанд. Дар ҳақиқат яклухтӣ, мухторӣ ва озодманишӣ пойдевори аслии давлат аст ва ҷои инкор низ нест, ки дар сурати «инкор гардидан ва рахна гардидан» - и яке аз ин се унсур давлат нест мешавад. Тавре дар оғоз ишора гардид, муаллиф, бо назардошти таҳоҷум ба олами афкори ҷомеа (ғасби олами мафкура) дар шароити ҷаҳонишавӣ, андешаҳояшро самт бахшида, ҷаҳонбинии оммаро ҳам мураккаб ва ҳам осебпазир медонад, ки он воқеияти ҷаҳони муосир мебошад. Ҳарчанд дар ин самт мисоли мушаххас пеш оварда нашавад ҳам, хеле нозукона ибораи «таҷрибаи байналхалқӣ» ба бисёр масъалаҳо ишора менамояд, ки дар доираи он хонандаи закӣ асли мақсадро зуд дарк менамояд. Ҷои шубҳа нест, ки мувофиқати ҷаҳонбинии омма ба сохти давлатдорӣ дар ҳама давру замонҳо масъалаи калидӣ ба шумор меравад ва мағзи андешаҳои муаллиф дар ин қисмат ҳамин аст. Яъне, идеология ва мафкурасозии мудовим дар ҷомеа кафолати бақои давлат аст ва ҳеҷ гоҳе бетафовутӣ, саҳлангорӣ ва муносибати лоқайдона пояҳои давлати миллиро таҳким бахшида наметавонанд.

Дар масъалаи давлати миллӣ, ҷаҳонбинии миллӣ ва маънавияти миллӣ бештар аз дидгоҳи ҳуқуқӣ, фарҳангию сиёсӣ баҳс ороста мешавад. Ҳимояи арзишҳо ва дар сангарҳои зиёд қарор гирифтани гурӯҳҳои гуногун низ, то ҳадде пойбанди манфиатҳо қарор гирифтани ин гурӯҳҳо ба шумор рафта, вобастагии он ба муҳтавою мундариҷаи ҷаҳонбиниҳо нишон дода мешавад. Мутафаккир хеле дақиқкорона амвоҷи номутаносибии авзои иҷтимоиро дар мутавозун набудани ҷаҳонбинии миллӣ ва олами таассубу хурофот нишон додааст, ки натиҷаи манфии онро имрӯз дар мамолики зиёди Шарқи наздик (бештар мамолики арабӣ) дидан мумкин аст. Манфиат ҳамчун як категорияи илмӣ бо паҳлуҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Дар ин самт наметавон аз фанатизми динӣ қатъи назар кард, ки он дар навбати аввали ҷуз ҷаҳолат чизи дигаре нест. Муносибати муаллиф ба масъалаҳо аз мавқеи гуманизм ва патриотизм сурат мегирад ва тавсеаи андешаҳояш гувоҳи огаҳ будани ӯ аз ҷараёнҳои гуногуни иҷтимоӣ аст. Муҳаққиқ С. Ятимов дар ҷумлаи «Ана, ҳамин аст дастоварди бузурги воқеӣ ва таърихии ононе, ки мехостанд ва мехоҳанд мардуми мусулмонро якумр ғулом, дастнигар, мутеъ, ҷоҳил, вобаста ва олоти муборизаи худӣ дар муқобили худиҳо, завқманди рехтани хуни якдигар бинанд...» ҷараёну шохаҳои сиёсатҳо ва идеологияҳои таҳмилиро, ки дақиқан пойбанди манфиатҳои ҷомеаҳою гурӯҳҳои зиёд мебошанд, хеле равшан баён кардааст. Имрӯзҳо маълум гаштааст, ки захираҳои моддӣ (нефт, газ, об, замин ва ғ.) ҳамчун меҳвари манфиату муборизаҳо аз даст нарафта бошанд ҳам, мутаассифона, ба маънои нисбатан дағал - инсон ба ин меҳвару объекти манфиатҳо (эпидемияҳо, ҷангҳо, инқилобҳо, табаддулотҳо, мухолифатҳои шаҳрвандӣ ва ғ.) табдил ёфта истодааст. Табиист, ки дар зери нишону ҳадаф он ҷомеаҳое қарор гирифта метавонанд, ки маънавияти заиф ва ғафлати комил доранд. Ин ғафлат пойбанди таассубу хурофот гардидани ҷомеа ва холигаҳи олами афкори ин ҷомеа мебошад. Ин эҳтимолият барои ҳама кишварҳои Осиёи Марказӣ вуҷуд дошта метавонад. Тоҷикистон дар минтақаи геополитикии ҳассос қарор гирифтааст ва фазои иҷтимоию сиёсии он аз таъсири авзои сиёсию иҷтимоии ҳамсояҳои дуру наздик осебпазир буда метавонад. Сиёсатҳои таҳмилии маҳвсозанда дар аксар манотиқи ҷаҳон вуҷуд доранд ва ин нуқтаҳоро муаллиф ҳамчун мутахассис хеле хуб дар як сарсатр баён кардааст: «...дастоварди ниҳоят хатарноки душманони мо иборат аз он аст, ки таассуб, хурофот, фанатизми динӣ – мазҳабӣ, эҳсоси Тоҷик будан, Тоҷикият, эҳтиром, муҳаббат ва садоқатро ба мафҳуми Миллат, Ватан ва Ватандорӣ нобуд месозад. Ба сифр мубаддал мегардонад. Ҳамчун лашкари бе пул дасти ифротгароён, террористонро аз ҳисоби фарзандони ҳамин миллат, дар муқобили ҳарими муқаддаси бунёди давлатсозӣ, давлатдории миллӣ, марзу бум ва суботи он боз мекунад. Аз ин намунаҳо дар мисолҳои таърихӣ ва давраи муосири воқеии Тоҷикистон ва кишвари ҳамсояи он ҳазоронанд». Дар ин самт вазифаи маориф ҳамчун сипари ҳимоятӣ муқаддам дониста мешавад ва тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи зидди таассуб як навъ сангаргирӣ дар муқобили маҷроҳои зиёди таҳдидкунанда дониста мешавад.

Яке аз қисматҳои ҷолиб, реалӣ ва холисонаи рисолаи С. Ятимов ин «Рӯҳоният ва даврони эҳё» мебошад. Мусаллам аст, ки ба манфиатҳои миллӣ мувофиқ намудани таъинот, назария ва амалияи дин дар шароити имрӯза муҳимтарин ҳадаф буда метавонад. Бо оҳанги такрор боз ҳамон андешаро таъкид намудан лозим аст, ки дин ин фарҳанг аст. Аз он ки динро дар шароити имрӯза сиёсӣ сохтаанд ва онро чун силоҳи сиёсӣ истифода мекунанд, ин ба ҷуз, бадбахтии ҳамон соҳибони дин чизи дигаре нест. Нисбат ба дини ислом ин муносибат бештар раво дида шудааст ва ҳолатҳое, ки баъзан диндорони мо аз дини худ манфиат меҷӯянд, дар замони имрӯзу гузашта кам набуданд ва нестанд. С. Ятимов ба ин масъала (шояд ҳамчун нишони эҳтиром ба дину эътиқоди аҷдодӣ) аз дигар оламу равзана мисол меорад: «Эҳёгарон интихобан бо беҳтарин ходимони дин, роҳибон, диншиносон, донандагони «Инҷил», ки аз мардуми соҳибмаърифат буданду ҳиссиёти баланди ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ доштанд, ба ҳам омаданд. Хулосабардорӣ карданд, ки муддати садсолаҳо ходимони дини манфиатҷӯ ба «Инҷил» ва дигар адабиёти тафсири он нуктаҳоеро худсарона илова кардаанд, ки танҳо ба манфиат ва манзалати шахсии табақаи рӯҳонӣ хизмат мекунанд. Бисёре аз чунин иловаҳои сохта ва тафсирҳои бофта ба сарчашмаи хурофоту таассуб ва манбаи даромади ходимони дин мубаддал гаштаанд». Ишора ба таъбири Эразм Ротердамский низ андешаҳои муаллифро пурратар месозанд. Мисоли пешовардаи муаллиф нисбат ба фазои иҷтимоию сиёсии Даврони Эҳё дар Аврупо барои фазою муҳити зиёда аз ҳазорсолаи маънавию сиёсии миллати тоҷик низ дахл дорад. Агар чунин намебуд, ифодаҳои «... аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст», «... доми тазвир макун чун дакарон Қуръонро», «...ҳар айб, ки ҳаст дар мусалмонии мост» ва ғайра садсолаҳо қабл пайдо намегаштанд. Ин андешаҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонию ҳимоят аз дини ислом аз минбарҳои баланди байналмилалӣ борҳо баён доштааст, манфиатҷӯӣ аз динро инкор намудааст ва ҳамеша аз таълимоти таҳаммулгароӣ ҳарф задааст. Дар ҳошияи андешаҳои С. Ятимов ҳаминро таъкид намудан лозим аст, ки месазад динро ҳамчун фишанг (фишанг барои манфиати ҷомеа!) дар пойдорию суботи ҷомеа ва таҳкими давлатдории миллӣ истифода кард. Ин садҳо маротиба афзалтар аз он аст, ки аз бетафовутии мо - ҷавонону наврасон дар гирдоби ифротгароию таассубу хурофот ғарқ мешаванд ва фоҷиаи ҷомеа мегарданд. Яъне, дини мусалмонон на барои қатлу куштору ғорат ва рехтани хуни худи мусалмон аст, ки мисоли онро имрӯзҳо дар кишварҳои дуру наздик зиёд мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин паҳно «... ғолибияти эҳсоси бузурги ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ»-и ходимони масоҷиди мо низ хидмати бузургу мондагор назди дину ҷомеа ба ҳисоб рафта метавонад.

Муаллифи мақола бо таҳлилҳои асосноки илмӣ ва усули қиёсии баёни андеша бо оҳанги саволу хитоб ҳар як қисмати рисоларо бо ҳам пайванди мантиқӣ бахшидааст. Масалан, дар руҷӯи «Эҳёи миллӣ ва суботи миллӣ» бо суроғи зиндагии шоистаи инсон роҳу василаи аз як зина ба зинаи дигар гузаштан ва суботмандона тай кардани марҳилаҳоро ҳамчун савол пеш гузоштааст, ки ҷавоби онҳоро дар уфуқҳои фарогирифтаи рисола хеле осон пайдо карда метавонем. Садои даъвати муаллиф оҳанги худшиносии миллиро касб менамояд ва боҷуръатона аз он таъкид карда мешавад, ки таблиғи бедории миллии мо бояд на зоҳирию намоишкорона, балки дар пояи воқеият сурат гирад. Дуруст аст, ки ақл, хирад ва мантиқ пояи меҳварии бедории миллӣ ба шумор меравад ва мавҷудияти воқеии хирадгароию ақлсолорӣ дар тамоми табақаҳои ҷомеа муҷиби таҳкими давлатдории миллӣ гардида метавонад.

Муҳаққиқи ҷомеашинос С. Ятимов тавре зикр гардид, мантиқи баёни каломро хеле хуб соҳиб аст ва дар ҳама рисолаю мақолаҳояш аз баёни хушк, умумию қолабӣ ҳазар менамояд. Халқияти ифодаи ҳар як ибораю ҷумла дар китобатҳои эшон шеваю усули хоси ӯ мебошанд. Дар қисмати «Даврони эҳёи миллати тоҷик» нуқтаи кулминатсионии ҳадафи муаллифи рисоларо ёфта метавонем. Маҳз, дар ин қисмат, ҷуръати хоса ва як андоза назари интиқодии профессор С. Ятимов падидор аст, ки нисбат ба уфуқҳои мафкурасозӣ (идеология) - и чанд даҳсолаи соҳибистиқлолӣ сурат гирифтааст. Андешаи саҳеҳ ва бидуни баҳси муаллиф он аст, ки «Даврони Эҳёи миллати тоҷик дар марҳилаи навин аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид». Профессор С. Ятимов хидматҳо, роҳнамоиҳо ва даъватҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи Эҳёи миллат «ҳақиқати эътирофгардида» ҳукмгузорӣ менамояд. Дар ҳақиқат, ҳар яки мо низ бояд эътироф намоем, ки « ... Сарвари давлати тоҷикон амалеро, ки дар доираи тавони як роҳбари камназир ва ватанпарвари таърихофарин аст, иҷро намуд ва намунаи чунин шефтагӣ ва садоқатмандии миллӣ дар таърих камшумор аст». Таассуфи муаллифи рисола он аст, ки «раванди амалисозӣ гаштани ташаббуси таърихии Даврони Эҳёи миллати тоҷик хосияти зоҳирпарастона ва ҳисоботдиҳӣ касб кард». Ин андешаи муаллиф асоснок аст ва заъф доштани баъзе паҳлуҳо боиси он гардидаанд, ки рӯҳияи саҷдагорӣ ба фарҳанги бегона, ифротгароию таассуб, хурофотпарастию бетафовутӣ дар ҷомеаи мо то ҳадде боло равад. Муаллиф боҷуръатона аз ҷузъиёти гуногуне ишорат мекунад, ки адами онҳо ба ҳифзи боэътимоди ояндаи амнияти миллӣ таҳдид менамоянд. Дар ҳақиқат, баъд аз ҳазор сол тоҷикон тавонистанд, ки соҳиби давлати миллӣ гарданд ва барои садсолаҳою ҳазорсолаҳои дигар боқӣ мондани ин давлат танҳо бо амал, гуфтор ва пиндори самимию судманд мусоидат карда метавонад. Даъват дар рисолаи мазкур он аст, ки бояд идеяҳои пешниҳодгардидаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро коркард, татбиқ ва самаранок истифода намуд, ки ин дар навбати аввал рисолати аҳли зиё дониста мешавад. Дар ин раванд муносибати самимонаю садоқатмандонаи аҳли эҷоду зиё нақши бузургро иҷро менамояд, на он ҳисоботдиҳию андешаи қолабӣ, обшустаю такрори бетаъсире, ки онро профессор С. Ятимов ишора кардааст. Ин андеша ба он асос аст, ки дар Даврони Эҳёи Аврупо аҳли маънавияту фарҳанг (олимон, хирадмандон, суханварон, донишмандон, рассомон, меъморон,) ҷони худро дар хатар мегузоштанд, то ҷони ҳаммиллатони худро наҷот бахшанд.

Назарияҳои зиёд дар илмҳои ҷомеашиносии имрӯза омилҳои гуногунро дар самту ҷараёни нав касб кардани зуҳуроти гуногун пешниҳод менамоянд, ки дар ин маврид фосилаи миёни назокати мафҳумҳои дониш ва маърифат хеле кам ба инобат гирифта мешаванд. Агар маърифат мафҳуми нисбатан умумӣ бошад, пас дониш ин олами амиқтару возеҳи ба як масъала назар андохтан аст. Дар баробари ин ҳамоҳангӣ, такрор ва қолабӣ будани як фикрро дар олами муосир шароити ҷаҳонишавӣ хеле кам қабул медорад. Илмҳои алоҳида ҳеҷ гоҳ аз байн намераванд ва ҳамчун оғози классикӣ дар доираҳои нав бо равандҳои муосир ҳамоҳанг (модерн) мешаванд. Ба инобат гирифта тавонистани ин нуқтаи ҳассос ба он муҳаққиқе даст медиҳад, ки бо ҷаҳонбиниҳои пайваста такмилёбанда ва донишҳои ҳамқадами замон балад бошад. С. Ятимов аз зумраи ҳамин муҳаққиқонест, ки набзи замон ва дурнамои онро дар заминаи донишҳои сиёсӣ, дипломатӣ, ҳуқуқӣ, ҷомеашиносӣ, адабиёт, таърих, публитсистика ва амсоли ин ташхис карда метавонад. Оммавияти андешаҳои илмии муаллиф ба фаҳми хонандаи умум хеле қарин аст ва аз он ҷомеа суд бардошта метавонад. Чанд андешае, ки дар боло баён гардиданд, ба таври маҷмӯӣ дар ҳошияи таҳлилҳои пурмуҳтавои муаллиф сурат гирифтанд. Рисолаи «Эҳёи миллат - бақои давлат» рисолат ва мавзӯи рӯз аст, ки ба доираи васеи аҳли зиё (ҳамчун мафкурасозони ҷомеа) нигаронида шудааст. Он дар заминаи омӯзиши гузашта, ташхиси имрӯза ва дурнамои фазои мафкурасозиҳо дар роҳи эҳёи миллат таркиб ёфтааст. Ба назар гирифтани таҳлилҳо, таҳқиқҳо, ҳушдору хулосаҳо ва пешниҳодоту чандин ҷузъиёти дигари рисолаи мазкур вазифаи олимону муҳаққиқону адибонест, ки ҳамчун бунёдгарони олами маънавӣ эҳсоси самимию баланди ватандӯстӣ доранд.

**Бахтиёри ҚУТБИДДИН,**
**доктори илми филология,**
**декани факултаи журналистика**
**ва тарҷумонии ДМТ**




# ПАЙКАРИ САБР...

## Бардошт аз маҳфили шеъри устод Ворис

**Маҳфили шеъри шоир, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, рӯзноманигори варзида Ворис, ки чанде пеш дар толори Осорхонаи таърихи кишваршиносии шаҳри Ҳисор доир шуд, дилбастагони каломи бадеъро ба ҳам овард. Аҳли нишаст соате чанд аз лаҳни зебои суханварӣ ва шеърҳои устод, ки маъниҳои баланди ирфонӣ, тасвирҳои зебои заминӣ доранду як олам розҳои андешазоро ниҳон медоранд, файзи маънӣ бардоштанд. Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, овозхони маънисаро Шамсиддин Муҳиддин, ки меҳмони маҳфил буд, бо сурудҳои дилошӯб табъи аҳли нишастро болида намуд.**

Маҳфилро, ки бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор доир гардид, раиси шаҳр Қосим Роҳбар ифтитоҳ намуд. Ӯ, аз ҷумла, иброз дошт, ки устод Ворис аз зумраи шоироне мебошад, ки бо ашъори фасеҳу равон дар рушди адабиёти навин нақши муниру мондагор дорад. Чорабинии имрӯза имкони хубест, ки дӯстдорони каломи мавзун рӯ ба рӯ бо устод ҳамсуҳбат шаванд.

Он чӣ шоир кулвори осори манзуми хеш дар маҳфил пешниҳод намуд, аз ҷониби аҳли нишаст гарм истиқбол ёфт. Зикр гардид, ки осори манзуми Ворис бори маъно мекашаду ҳадафҳои олӣ дар пай дорад. Хонандаро ҳамеша ба андеша мебарад. Мазмуну ғояҳои баландро талқин месозад, ба инсон дониш, сафо ва маърифат мебахшад.

Коргардони варзидаи телевизион ва синамо Б. Сайфиддин, рӯзноманигор Тиллои Неккадам, адиб Султонмуроди Одина зимни суханронӣ аз талошҳое, ки шоир дар зиндагӣ барои расидан ба камолоти инсонӣ ва эҷодӣ намудааст, ёдовар шуда, фаъолияти ӯро пурсамару созанда арзёбӣ намуданд.

Нависанда ва рӯзноманигор, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Абдурауф Муродӣ аз овони донишҷӯиашон бо шоир ёдоварӣ намуда, чунин гуфт: «Ворис ҳанӯз аз замони донишҷӯӣ пайкари сабр, пайкари андешаву мулоҳиза, буд. Кам сухан мегуфт, аммо бо нармӣ. Ҳанӯз аз овони ҷавонӣ шеъраш сара буд ва ғояҳои баланди инсониро пайгирӣ менамуд. Ин таваҷҷуҳи моро на танҳо ба шахсияти Ворис, балки ба Ҳисор ва адибони дигари ин ҳавза бештар намуд».

Дар маҳфил сухан танҳо аз шеър набуд, балки аз Модар, Ватан буду аз худшиносӣ, аз ғафлат накардан буду аз бедорӣ. Шоир дар ин маврид аз мутафаккири тоҷику форс Боязиди Бастомӣ қиссаи пандомезеро ба хотир оварда, таъкид намуд, ҳар касе дар роҳи илм қадам мемонад, ӯ як қадам дар роҳи бедорӣ мегузорад.

**Фиғон, эй дил, ки ғофил мондаӣ ту,**
**Ба ғафлат пой дар гил мондаӣ ту.**
**Зи баъди пастии тӯфони дарё,**
**Тани танҳо ба соҳил мондаӣ ту.**

Манзури шоир аз ин рубоӣ, ки дар маҳфил ба аҳли нишаст пешниҳод шуд, бедор намудан аст. Ӯ ба ҳайси инсони бедору ҳушманди давр мехоҳад инсонҳо ғофил намонанд, аз ботин бедор бошанд.

Шоир ба ихлосмандони шеър маҷмӯаи «Пайкари сабр», ки шеърҳои дар солҳои гуногун навиштаашро дар бар мегирад, ҳамчун армуғон пешниҳод намуд. Мужда дод, ки китоби навбатиаш, ки омодаи чоп аст, ба хонандагон аз бедориву худшиносӣ қисса хоҳад кард.

Зимнан, устод Ворис дар рушди журналистикаи тоҷик низ саҳми созгор дорад. Фориғуттаҳсили факултети филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе мебошад. Солҳо дар ҳафтаномаҳои «Омӯзгор», «Наврӯзи Ватан», радиоҳои «Тоҷикистон», «Ватан» ва «Телевизиони СМТ» фаъолият намудааст. Ҳоло дар нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рӯзномаи «Садои мардум» кор мекунад.

Шеърҳои устод дар маҷмӯаҳои «Рози бараҳнагӣ», «Ҷоми гӯё», «Дар чор фасли лаҳзаҳо» чоп гардида, осории насриаш дар китобҳои «Шишаи номус дар бағал» ва «Паланги қуллаҳои барфпӯш» гирдоварӣ шудааст.

Нашри китоби «Тазкираи Ворис»-ро, ки ба хонандагон дар бораи шоирони ҳавзаи адабии Ҳисор аз асри X то асри XX иттилоъ манзур менамояд, аз иқдоми дигари арзишманди ӯ метавон арзёбӣ намуд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

### Ба «САДОИ МАРДУМ» ҷавоб омад

# «КАЛОНТАРИН КОРХОНАИ САНОАТӢ АЗ КОР МОНД»

**Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар мақолаи хабарнигори рӯзнома Сулаймон Султон - «Калонтарин корхонаи саноатӣ аз кор монд»-ро, ки дар шумораи №114 (4697) аз 18-уми сентябри соли 2023 дар нашрияи «Садои мардум» ба табъ расидааст, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод.**

Далелҳои дар нашрия инъикосёфта дар ҳақиқат ҷой дошта, барои ҳалли масъалаи мазкур ба унвонии раиси вилояти Хатлон мактуби расмӣ ирсол гардида, аз ҷумла қайд карда шуд, ки фармоишгари асосии ҶСК «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар – ШСХК «Барқи Тоҷик» буда, тибқи шартнома ҳар сол трансформатор ва таҷҳизоти зарурии онро дастрас менамуданд.

Айни замон, ШСХК «Барқи Тоҷик» аз ҳисоби шартномаи соли 2022 дар назди ҶСК «Трансформатор» зиёда аз 20 миллион сомонӣ қарздор буда, ҳамзамон барои соли 2023 шартномаи нав бастанд.

Ҳолати мазкур боиси он гардид, ки ҶСК «Трансформатор» аз андоз ва андози иҷтимоӣ қарздор гардида, барои идома додани истеҳсолот мушкилоти молиявӣ пеш омад. Дар натиҷа, аз моҳи май инҷониб корхона фаъолияташро боздоштааст. Ин дар навбати худ боиси муваққатан бекор мондани 102 нафар корманди корхона ва коҳиш ёфтани ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии шаҳр гардидааст.

Новобаста ба ин, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар бо роҳбарияти ҶСК «Трансформатор» робитаҳои пайваста ба роҳ монда, барои дарёфти мизоҷон ва ҷалби сармоягузорон барои барқарор намудани фаъолияти корхона, тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

**Д. БАРОТЗОДА,**
**муовини якуми**
**раиси шаҳри Бохтар**

# ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ НАВ

**Мутахассисони ботаҷрибаи сохтори Департаменти истеҳсоли маснуоти алюминийи шаҳри Турсунзода бо роҳбарии директори департамент Юсуф Шоҳиён шурӯъ аз аввали моҳи марти соли ҷорӣ корҳои назаррасеро анҷом дода истодаанд.**

Бояд иброз дошт, ки коргоҳи мазкур, аслан бо истифодаи дастгоҳи истеҳсоли итолиёвии «Экструдинг пресс» (тамғаи «IMPORANTE») ба истеҳсоли созаҳои филизии қабати ҷавскунӣ машғул буд. Аз лиҳози кам будани фармоиш ба ин гуна таҷҳизот тасмим гирифта шуд, ки барои самаранок истифода бурдани дастгоҳҳои замонавии дар ихтиёрдошта, истеҳсоли маҳсулоти нав, яъне хатҳои барқгузар ба роҳ монда шавад.

Маврид ба ёдоварист, ки эҳтиёҷот ба хатҳои барқгузар дар дохили мамлакат ва берун аз он зиёд мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли ноқили барқӣ дар як шабонарӯз 43 ҳазор метрро ташкил намуда, айни замон дар корхонаи мазкур ноқили барқии тамғаи «АППВ-2,5» истеҳсол шуда истодааст.

Истеҳсолгарон назди худ вазифа гузоштаанд, ки оянда навъҳои дигари ноқил «АППВ-2Х4», «АППВ-2х3», «АППВ-2х6», «АПВ-2,5», «АПВ-4», «АПВ-6» ва «АПВ 10» - ро истеҳсол намоянд ва дар саноатикунонии босуръати мамлакат ҳиссаи бештар гузоранд.

**Сайидо НАЗАРОВ,**
**«Садои мардум»**






**Тавре директори Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» - и ноҳияи Муъминобод Давлатмурод Мирзоев изҳор дошт, алҳол сохтмони бинои Муассисаи таълимии ғайридавлатии Коллеҷи тиббӣ дар маркази ноҳия идома дорад. Бино аз се ошёна иборат буда, дар назар аст рӯзҳои наздик мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шавад.**

# КОЛЛЕҶИ ТИББӢ БА ИСТИФОДА ДОДА МЕШАВАД

Инчунин, номбурда зикр кард, ки алҳол дар ҳудуди ноҳия сохтмони нуҳ муассисаи таълимӣ ва нуҳ синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ бомаром идома дорад. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 барои 240 хонанда, МТМУ №12 - и деҳаи Деҳибаланд барои 360 хонанда ва бинои Маркази ҷавонон иборат аз ду ошёна дар маркази ноҳия рӯзҳои наздик мавриди истифода қарор мегиранд.

Бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ роҳи мошингарди Муъминобод - Ғеш - Чилдухтарон ба масофаи 8 километру 200 метр ва роҳи деҳаи Ҳанатарош ба масофаи 2 километр асфалтпӯш гардид.

# 845 НАФАР БО КОР ТАЪМИН ШУДАНД

**Дар ин бора сармутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Фархор Алихон Шарипов ба мо иттилоъ дод. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 1325 нафар барои дарёфти ҷои кор муроҷиат намуданд. Аз он 1184 нафарашон ба қайд гирифта, 845 нафар бо кори доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъмин шуданд. Аз ин шумора 625 нафарашон занон мебошанд.**

Зикр шуд, ки дар нуҳ моҳи соли 2023 ба 212 нафар бекоре, ки дар қайди шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия қарор доштанд, кумакпулӣ пардохт гардид. Агентӣ 220 нафар хоҳишмандро ба курсҳои махсуси кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ ҷалб намуд.

Ҳамчунин, дар 17 ярмаркаи ҷои холии кор, ки дар ҳамкорӣ бо 137 корхонаю идораҳои буҷетӣ, саноатию истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо доир шуд, 783 ҷои холии кор пешниҳод шуд, ки 183 нафар бо кор таъмин гаштанд.

- Аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия дар ин давра ба 25 нафар бекорон қарзҳои имтиёзнок дода шуд, ки онҳо асосан, дар соҳаи истеҳсолот ба соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ машғул мебошанд, - гуфт Алихон Шарипов.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»- ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

- мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1653,90 сомонӣ;
- мудири бахши муҳосибот - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1653,90 сомонӣ;
- сармутахассиси гурӯҳи санҷишӣ - 2 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассис дар шаҳри Душанбе - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассис дар минтақаи Суғд - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассис дар минтақаи Бохтар - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассис дар минтақаи Кӯлоб - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- мутахассиси пешбар дар минтақаи ВМКБ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ;
- мутахассис дар минтақаи НБО «Роғун» - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ;
- мутахассис дар минтақаи ВМКБ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ;
- мутахассиси бахши кадрҳо ва ҳуқуқ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Ариза ба унвони сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ.
2. Варақаи шахсӣ;
3. Тарҷумаи ҳол;
4. Сурати 3х4 (4 дона);
5. Нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ;
6. Нусхаи диплом;
7. Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
8. Нусхаи ақди никоҳ;
9. Маълумотнома аз нозироти андоз (ИНН);
10. Маълумотнома дар бораи даромад ва вазъи молу мулк (эъломияи №411, №412);
11. Маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ;
12. Маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
13. Нусхаи билети ҳарбӣ;
14. Маълумотнома аз ҷойи истиқомат;
15. Маълумотномаи шахсӣ (СИВИ).

**Ҳуҷҷатҳои довталабон дар давоми 21 рӯз - аз санаи нашри эълон қабул карда мешаванд.**

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода - 34.

**Телефон барои маълумот:** +992 223-06-96.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418539 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.11.2023 14:30:00 |
| 2 | 418540 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.11.2023 14:30:00 |
| 3 | 418541 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.11.2023 14:35:00 |
| 4 | 418542 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.11.2023 14:40:00 |
| 5 | 418508 | Маҷмааи давлатиии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар бино ва ҳудуди Маҷмааи Боғи «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва МДМ «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.11.2023 08:50:00 |
| 6 | 418511 | Муассисаи давлатии «Маркази стоматологӣ»-и шаҳри Исфара | Таҷҳизоти дандонпизишкӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.11.2023 08:38:38 |
| 7 | 418509 | Маркази саломатии №1-и шаҳри Хуҷанд | Флюропленка, рентгенплёнка, фиксаж ва проявител | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 16.11.2023 08:40:00 |
| 8 | 418512 | Маркази саломатии №1-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири ҳуҷраҳои кории Маркази саломатии №6-и шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2023 08:45:45 |
| 9 | 418513 | Маркази саломатии №1-и шаҳри Хуҷанд | Зардоба барои бемории ҳорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.11.2023 09:09:09 |
| 10 | 418515 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ба номи Ю. Бойзоқови шаҳри Исфара | Васлу насби тиреза ва дари толори варзиши муассиса (ҳаҷми тиреза - 118 $м^2$, ҳаҷми дар - 7 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2023 09:25:25 |
| 11 | 418517 | Ҷамоати деҳоти Сабристон | Мумфаршкунии роҳи мошингард аз гардишгоҳи заводи хиштбарорӣ то маркази Ҷамоати деҳоти Вогат (Курушкада)-и шаҳри Истаравшан (марҳилаи 3. Бо ғафсии 5 см ва масоҳати 2876 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2023 09:25:25 |
| 12 | 418516 | Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳристон | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 16.11.2023 09:29:29 |
| 13 | 418518 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.11.2023 09:30:30 |
| 14 | 418519 | Маркази саломатии шаҳри Исфара | Таъмири намои бино, утоқҳои корӣ ва зинаҳои бинои марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2023 09:35:35 |
| 15 | 418521 | Шуъбаи сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт | Азнавсозии майдони марказии шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2023 10:12:42 |
| 16 | 418523 | Беморхонаи марказии ноҳияи Зафаробод | Доруворӣ ва молҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 102 | 16.11.2023 10:15:15 |
| 17 | 418524 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Вахш | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 16.11.2023 10:20:30 |
| 18 | 418522 | Муассисаи таҳсилоти умумии «Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқат»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот, кондитсионер ва моноблок | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 16.11.2023 10:30:00 |
| 19 | 418526 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №32-и ноҳияи Ҷайҳун | Ноутбук, маводи сохтмонӣ, мебел, ашёҳои сохтмонӣ, молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ ва варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 16.11.2023 10:30:20 |
| 20 | 418530 | Муассисаи давлатии «Варзишгоҳи ба номи 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Маводи сохтмонию хоҷагидорӣ, мошинаи алафдарав, обгармкунак, яхдон, кондитсионер, лавозимоти сантехникӣ ва барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 54 | 16.11.2023 10:40:40 |
| 21 | 418529 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, сантехникӣ, барқӣ, қулфҳои овезон, оби нӯшокии бе газ ва маҷмӯи таҷҳизоти беноқили дохилишабакавии мониторинги фардӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 16.11.2023 10:45:00 |
| 22 | 418528 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Курта ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 16.11.2023 10:50:27 |
| 23 | 418533 | Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Вахш | Молҳои хоҷагидорӣ, сейф, мебел ва рахти хоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 16.11.2023 11:10:25 |
| 24 | 418532 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Либоси махсус | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.11.2023 11:10:42 |
| 25 | 418534 | Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Молҳои хоҷагидорӣ, мебел ва халати тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 16.11.2023 11:40:35 |
| 26 | 418535 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии политехникӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 16.11.2023 11:45:45 |
| 27 | 418525 | Шуъбаи сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт | Сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Ҳиҷбораки ноҳия (корҳои заминӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2023 13:00:46 |
| 28 | 418531 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти тибби | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 16.11.2023 14:00:00 |
| 29 | 418536 | Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи «Интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоишашон суст ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 16.11.2023 14:00:00 |
| 30 | 418537 | Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои агентӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2023 14:10:00 |
| 31 | 418538 | Муассисаи давлатии «Экспедитсияи мубориза бар зидди малах» | Қисмҳои эҳтиётии трактор ва автомашинаи хизматӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 16.11.2023 14:15:00 |
| 32 | 418544 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Толори варзишӣ дар назди МТМУ №2 ноҳияи Айнӣ (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2023 14:58:58 |
| 33 | 418514 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Асбобу анҷоми ошхона, зарф, молҳои хоҷагидорӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва ниҳоли гули мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 16.11.2023 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 30-юми ноябри соли 2023 музоядаи № 5-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволи ҶСК «Фононбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино ($м^2$) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои мағоза | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир №83 /4, ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 301,9 | 1 806 584,0 |
| 2 | Маркази савдо | шаҳри Душанбе, маркази «Дарвоз», кӯчаи Сомон № 432 | 183,9 | 1 800 000,0 |
| 3 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Айнӣ, Ҷамоати деҳоти Айнӣ, кӯчаи Рӯдакӣ №21 | 1708,0 | 3 528 370,0 |
| 4 | Бинои мағоза ду адад | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир №83/4, ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 236,7 | 1 540 839,0 |
| 5 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаротегин - 496 | 123,5 | 210 000,16 |
| 6 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода (ошёнаи 15 блоки В.) | 56,9 | 440 064,60 |
| 7 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода (ошёнаи 14 блоки В.) | 56,9 | 440 064,60 |
| 8 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода (ошёнаи 11 блоки Г.) | 45,5 | 351 897,0 |
| 9 | Экскаватор | Тамғаи Хундай Робекс 300, ЛС-9 | 45,5 | 835 030,0 |
| 10 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Навбаҳор 2/2, хонаи 13 | 112,2 | 830 000,0 |
| 11 | Истироҳатгоҳ | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзобқалъа, деҳаи Очук | 87,8 | 850 000,0 |
| 12 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, бе рақам | 511,4 | 1 080 353,0 |
| 13 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Гулистон, Ҷангалобод - 2 | 340,2 | 666 000,0 |
| 14 | Бинои маъмурӣ | ноҳияи Файзобод, А. Ҷомӣ 1/2 | 168,1 | 206 972,0 |
| 15 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 129,0 | 341 551,0 |
| 16 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 323,4 | 151 643,0 |
| 17 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи 70 - солагии М.Турсунзода, деҳаи Боғистон | 179,4 | 130 907,0 |
| 18 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Ҳисор Ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Манзар | 93,4 | 307 768,0 |
| 19 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Рудакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа | 175,1 | 417 626,0 |
| 20 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷайҳун, Ҷамоати деҳоти Истиқлол, деҳаи Телман | 213,0 | 276 346,0 |
| 21 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин, деҳаи Болшевик | 326,0 | 632 436,0 |
| 22 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Борбад, хонаи 23, ҳуҷраи 35 | 47,2 | 133 670,0 |
| 23 | Сехи истеҳсоли коғази ташноб | шаҳри Бохтар ва Левакант | 976 | 323 981,0 |
| 24 | Таҷҳизоти KHUMO INGINEERING | Тамғаи «GDS-308E», ҶДММ «Абдулазиз», ноҳияи Ховалинг | 976 | 885 168,0 |
| 25 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Б. Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Исфисор, кӯчаи Бӯстон | 508,8 | 766 442,0 |
| 26 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Ленинобод, деҳаи Чорбоғ | 29,70 | 175 075,0 |
| 27 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷ.Расулов, Ҷамоати деҳоти Сомониён, деҳаи Зарафшон | 129,6 | 146 708,0 |
| 28 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Пошкент, деҳаи Яккабоғ | 92,10 | 126 095,0 |
| 29 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи А. Бобоҷон, хонаи 9 | 60,60 | 389 532,0 |
| 30 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Г.Самиев, хонаи 27$^а$ | 289,40 | 173 978,0 |
| 31 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи М.Мусоев, хонаи №11 | 863,0 | 604 115,0 |
| 32 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан Ҷамоати деҳоти Гули Сурх, маҳаллаи Ясӣ | 50,60 | 543 796,0 |
| 33 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Гули Сурх, деҳаи Куруштак | 108,50 | 487 970,0 |
| 34 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, хонаи №13 | 46,4 | 235 924,0 |
| 35 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Қалъачаи Калон, деҳаи Сурхӣ | 110,90 | 232 755,0 |
| 36 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Чкалов, хонаи №13 | 49,45 | 186 430,0 |
| 37 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Гули Сурх, маҳаллаи Ясӣ | 153,60 | 268 728,01 |
| 38 | Экскаватор | Тамғаи «VOLVO», рақами давлатӣ 226 ТА 01 TJ, шаҳри Истаравшан | 153,60 | 450 000,0 |
| 39 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Зафаробод, кӯчаи И. Сомонӣ 39$^а$ (ҶДММ «Доруи Тоҷик») | 745,0 | 4 400 000,0 |
| 40 | Бинои маъмурии ҶДММ «Зарбед» | шаҳри Конибодом, кӯчаи К.Хуҷандӣ - 16 | 251,1 | 798 022,75 |
| 41 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 33, хонаи 31, ҳуҷраи 16 | 44,4 | 177 043,67 |
| 42 | Қисми заводи оҳану бетони ЖБК ҶДММ «Хӯҷаназар» | шаҳри Хоруғ, кӯчаи Имроншоев - 55 | 3029,04 | 5 150 991,0 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 16-уми ноябри соли 2023 музоядаи № 4-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металлҳои сиёҳ, чӯян ва ранга баргузор менамояд

- 105,39 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳ аз ҳисоби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун». Нархи ибтидоӣ - 105 390 сомонӣ;
- 4,49 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳ аз ҳисоби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком». Нархи ибтидоӣ - 4 490 сомонӣ;
- 6,62 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳ аз ҳисоби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе». Нархи ибтидоӣ - 6 620 сомонӣ;
- 65,64 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳ аз ҳисоби Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ. Нархи ибтидоӣ - 65 640 сомонӣ;
- 15,400 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳ аз ҳисоби Ҷамъияти саҳомии кушодаи ҶМТКММ «Апрелевка». Нархи ибтидоӣ - 15 400 сомонӣ;
- 1,93 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯян аз ҳисоби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Заргари Тоҷик». Нархи ибтидоӣ- 1 544 сомонӣ;
- 1,020 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯян аз ҳисоби Ҷамъияти саҳомии кушодаи ҶМТКММ «Апрелевка». Нархи ибтидоӣ - 816 сомонӣ;
- 0,120 тонна пораву партовҳои металлҳои ранга аз ҳисоби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун». Нархи ибтидоӣ - 1 560 сомонӣ;
- 0,08 тонна пораву партовҳои металлҳои ранга аз ҳисоби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе». Нархи ибтидоӣ - 1 040 сомонӣ;
- 0,569 тонна пораву партовҳои металлҳои ранга аз ҳисоби Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ. Нархи ибтидоӣ - 7 397 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Хатти расиди №126-и гумшуда аз 17-уми июни соли 2019, ки онро ҶСП «Муқим - 1» бо маблағи 6860 доллари амрикоӣ баробар ба 75665 сомонӣ ба Ғаффорова Санавбар Саидовна барои ҳиссагузорӣ дар бунёди манзили истиқоматӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Авесто, бинои 27, даромадгоҳи чорум, ошёнаи 9, хонаи 312 (якҳуҷрагӣ иборат аз 61,75 $м^2$ ) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи №0270455 ва Иқтибоси гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 23-юми октябри соли 2013 ба Кооперативи тиҷоратии Бобоҷон Ғафуров-2 (РЯМ 6010004679, РМА 600000753) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0024297, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Панҷакент 8-уми июли соли 2016 барои истифодаи якумраи меросӣ ба сокини шаҳри Панҷакент, Ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан Очилдиев Шамсиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2020 ба Қаюмзода Анварҷон Маҳмадалӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи И.Сомонӣ 20-уми сентябри соли 2021 бо РЯМ 0230097817 ба Ҷумъаев Хушруз Ғуломалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи ДШ №1432750, ки онро Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 11-уми октябри соли 2022 таҳти феҳрасти №6М-404 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 1а ба Мақсудов Баҳриддин Гулаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ғафуров х. 40/5, ҳуҷраи 20 ба Ғафурова Сурайё Восеевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи хонаи истиқоматӣ таҳти литери 1.1 /л, таҳти феҳрасти 5Ш-159, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 5-уми майи соли 2016 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо, деҳаи Туда, хонаи б/р ба Розиқов Султонмаҳмуд Абдусаломович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда бо РЯМ 0430115336, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 6-уми июни соли 2012 ба Саидов Бегиҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини силсилаи А № 0737730, ки он дар асоси Қарори раиси ноҳияи Қубодиён аз 21-уми июни соли 2010 таҳти №568 (замини наздиҳавлигӣ дар масоҳати 0,15 га ба қайд гирифта шудааст) бо суроғаи ноҳияи Қубодиён Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин ба Саидбеков Додарбек дода шудааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии фискалии тамғаи «ОКА ТФ»-и № 30232-и гумшудаи мағозаи занона мансуб ба Ҷураева Саодат Бакаевна (РЯМ 0430044111), эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқу»-и шаҳри Душанбе 6-уми декабри соли 1987 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Гулистон, хонаи №503 ба Хужаярова Анорхол додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини силсилаи А № 0737729, ки он дар асоси Қарори раиси ноҳияи Қубодиён аз 21-уми июни соли 2010 таҳти №568 (замини наздиҳавлигӣ дар масоҳати 0,04 га ба қайд гирифта шудааст) бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин ба Саидбеков Фарҳод дода шудааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Файзи Лоиқ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0268479 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино бо РМА 040058216 ва РЯМ 0410036193 аз 21-уми декабри соли 2022 додааст, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Шафиев Рауф Далиевич, ки дорои Шаҳодатомаи низоми умумӣ бо РЯМ 0930167948 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ Улуғов Обидҷон Маҳмадалиевич, ки дорои Шаҳодатномаи низоми умумӣ бо РЯМ 0930146791 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати дуюди ношаш давлатдорӣ ва волоияти қонун

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳақимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 30 октябри соли 2023, соати 16:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34490 нусха*

Навбатдори шумора
Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97